**Тақризи**

**беруна ба автореферати диссертатсияи Давлатов Умаралӣ Мирзоалиевич "Убайд Раҷаб ва анъанаи ёддоштнависӣ дар адабиёти муосири тоҷик", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ пешниҳод гардидааст.**

Таърих ва собиқаи ёддоштнависӣ дар адабиёти тоҷик ба гузаштаи беш аз ҳазорсола иртибот пайдо карда, дар осори баъзе аз адибони классикӣ дар мароҳили гуногуни рушду инкишофи насри форсӣ-тоҷикӣ ҷилваи махсус пайдо карда, бад-ин восита муҷиботи тараққии минбаъдаи хешро фароҳам намудааст. "Саргузашти ман" ё "Рисолаи саргузашт"-и Шайхурраис Ибни Сино, "Сафарнома"-и Носири Хусрав, "Бадоеъ-ул-вақоеъ"-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ, "Наводир-ул-вақоеъ"-и Аҳмад Махдуми Дониш ва амсоли инҳо гувоҳи онанд, ки насри ёддоштии классикӣ дар давраҳои гуногун бо сабку услубҳои ба худ хос рушд карда, дар осори адиби ҳар давроне бо гунаҳои фарқкунанда мароҳили тараққии худро сипарӣ намудааст.

Аммо, бо вуҷуди дар таърихи адабиёти классикӣ собиқаи куҳан доштани насри ёддоштӣ, дар адабиёти муосири тоҷик насри ёддоштӣ ё ёддоштнависӣ дар эҷодиёти устод Садриддин Айнӣ ибтидо гирифта, маҳз аз тариқи осори ёддоштии устод, аз қабили "Ёддоштҳо", "Мактаби куҳна" ва амсоли инҳо мароҳили нахустини инсиҷом ва рушду тараққии худро биспардааст. Маҳз устод Айнӣ ва осори ёддоштии вай сабабгори ифтитоҳи мактаби махсуси ёддоштнависӣ дар адаби муосир ва рушди минбаъдаи хатти жанрии вижа дар насри муосир гардида, тавассути саъю кӯшиш ва эҳтимомоти бурун аз васфи устод адибони зиёде тарбият дида, осори мондагореро дар насри муосири форсӣ ба мерос гузоштаанд. Маҳз зери таъсири осори саргузаштиву ёддоштии устод Айнӣ ва хатти машийи ин марди илму адаб адибони зиёде дар мактаби вай тарбият ёфта, анъанаи ёддоштнависии тоҷик идома пайдо намуд. Чунончи, устодон Ҷалол Икромӣ, Сотим Улуғзода, Фазлиддин Муҳаммадиев, Ӯрун Кӯҳзод, Абдулҳамид Самад, Саттор Турсун, Убайд Раҷаб ва амсоли инҳоро метавон баъд аз устод Садриддин Айнӣ маъруфтарин ва ҳунармандтарин нависандагони ёддоштнависи муосири тоҷик маҳсуб дониста, кӯшишҳои онҳоро чун идома ва рушди мактаби устод Айнӣ дар бахши насри фавқуззикр эътироф кард.

Яке аз адибоне, ки дар қатори дигар нависандагони маъруфи тоҷик дар рушду инкишофи ёддотшнависии муосири тоҷик то ҷое саҳми қобили мулоҳиза бар ҷой гузоштааст, шоир ва нависандаи маҳбуби тоҷик Убайд Раҷаб ба ҳисоб меравад. Бо ин ки дар адабиётшиносии ду асри охири тоҷик роҷеъ ба ашъори Убайд Раҷаб чанд таҳқиқот рӯйи кор омадаанд, аммо дар хусуси ҳунари ёддоштнависии ин адиби ҳунарманд то ба ҳол аз ҷониби ягон муҳаққиқе пажӯҳиши фарогиру густардаи илмӣ

дар гунҷоиш як рисолаи диссертатсионӣ ба вуҷуд наомадааст. Дар робита бо ин, метавон гуфт, ки рисолаи диссертатсионии Давлатов Умаралӣ Мирзоалиевич, ки зери унвони **“Убайд Раҷаб ва анъанаи ёддоштнависӣ дар адабиёти муосири тоҷик”** ба ҳимоя пешниҳод гардидааст, маҳз ба таҳқиқи ҳунари ёддоштнависии Убайд Раҷаб ва ҷанбаҳову вижагиҳои осори марбут бар саргузашту ёддоштҳои ин адиби пуркор ихтисос ёфта, аз ҳайси фарогирии мавзуъ ва масоили матраҳшуда дар адабиётшиносии муосири тоҷик наву мубрам ба ҳисоб меравад.

Чунонки аз автореферати диссертатсия дида мешавад, таҳқиқоти Давлатов У. аз муқаддима, се боб, 10 фасл, хулоса ва феҳрасти адабиёт иборат буда, фарогири 180 саҳифаи компютерӣ аст.

Муаллиф дар муқаддима роҷеъ ба мубрамияти мавзуи таҳқиқи худ, дараҷаи таҳқиқи мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, объект ва предмети таҳқиқ, асосҳои назариявию методологии таҳқиқ, сарчашмаҳои таҳқиқ, аҳамияти назариявию амалии таҳқиқ сухан ронда, зарурати таҳқиқи мавзуи интихобкарда ва то чи дараҷа наву актуалӣ будани онро баррасӣ намудааст.

Дар боби аввали рисола - “**Жанри ёддошт ва мавқеи он дар насри муосири тоҷик**”, ки фарогири се фасл мебошад, муаллиф аввалан саъй намудааст навъҳои наср дар адабиёти навини тоҷикро тасниф намояд, баъдан роҷеъ ба жанри ёддошт ва сайри таҳаввули ёддоштнависӣ дар адабиёти форсу тоҷик, ҳамчунин, оид ба суннатгароӣ ва навпардозӣ дар ёддоштнависии муосири тоҷик пажӯҳиш бубарад.

Дар боби дувуми диссертатсия – “**Убайд Раҷаб ва идомаи суннатҳои ёддоштнависӣ дар адабиёти муосири тоҷик**” муаллиф дар чаҳор фасл оид ба сохтор ва мундариҷаи ёддоштҳои Убайд Раҷаб, вижагиҳои сабкӣ ва тарзи баёни адиб, симои устод Садриддин Айнӣ дар ёддоштҳои адиб ва тасвири шахси воқеӣ дар повести “Марди майдони талош”-и Убайд Раҷаб таҳқиқот бурдааст. Зикр кардан бамаврид аст, ки маҳз боби мазкур нуқтаи вуруд бар мавзуи асосии таҳқиқоти Давлатов У. маҳсуб гашта, муаллиф дар он дар мисоли ёддоштҳои Убайд Раҷаб ба баррасии хусусиёти шакливу сохторӣ, ғоявиву мавзуӣ, симонамойии ашхоси воқеӣ эҳтимом варзидааст.

Дар боби сеюми таҳқиқот - “Симои аҳли адаб дар ёддоштҳои Убайд Раҷаб ва тасвири чеҳраи муаллиф дар хотироти ҳамқаламон” муаллиф дар се фасл дар хусуси инъикоси чеҳраи воқеӣ ва адабии Мирзо Турсунзода дар китоби «Зинда ба ишқ»-и Убайд раҷаб, симои адибони тоҷик, амсоли: Мирзо Турсунзода, Боқӣ Раҳимзода, Абдусалом Деҳотӣ, Пӯлод Толис, Ҷумъа Одина, Ҳабибулло Назаров ва Лоиқ Шералӣ дар дигар осори ёддоштии Убайд Раҷаб ва дар фасли охири боби мазкур, баръакс, оид ба бозтобу тасвири чеҳраи Убайд Раҷаб дар ёддоштҳои аҳли илму адаб, аз ҷумла: Меҳмон Бахтӣ, Ашӯр Сафар, Муҳаммад Ғоиб, Ҳизбуллои Ашӯр, Ғулом Ҳусайни Юсуфӣ Гулназар Келдӣ, Ҷонон Икромӣ, Фаррухи Ҳусейн, Раҷабалии Худоёрзода, Азизи Азиз,

Абдусаттори Раҳмон, Софияи Носир, Аброри Зоҳир, Маҷид Салим, Ибод Файзулло, Карим Мӯсо, Муҳаммадалии Аҷамӣ, Бӯстон Шукурӣ пажӯҳиш бурдааст.

Муаллиф дар қисмати анҷоми кори худ дар 15 банди алоҳида тавонистааст, ки афкору андешаҳои хешро ба таври мухтасар дар иртибот бо таҳқиқоташ натиҷагирӣ намояд ва роҷеъ ба истифодаи амаллии натиҷаҳо тавсияҳо низ бидиҳад.

Мақолаҳои муаллифи таҳқиқот, ки умуман 10-то буда, 6-тои онҳо дар маҷаллаҳои аз ҷониби КОА пазируфташуда ва 4-тои мобақӣ дар дигар маҷаллаҳо ба чоп расидаанд, чи аз ҳайси фарогирии мавзуъ ва чи аз нигоҳи масоили зиматраҳашон пурра бо нақшаи кори диссертатсионӣ мувофиқат менамоянд.

Аммо, бо ин ҳама муваффақиятҳо, таҳқиқоти мазкур дорои баъзе нуқоти баҳсталаб ва норасоиҳо низ мебошад, ки ёдкарди онҳо бар суди кор хоҳад буд. Чунончи:

1.Дар боби 1-уми диссертатсия, ки се фасли алоҳидаро дар бар мегирад ва муаллиф дар он роҷеъ ба гузаштаи насри тоҷик (яъне насри классикии форсу тоҷик), жанрҳои асосӣ ва маъруфи насри классикӣ, мавқеи ёддоштнигорӣ дар насри пешин ва идомаи суннати ёддоштнависӣ дар насри муосири тоҷик сухан рондааст, хубтар мешуд, ки як фасли алоҳида бо унвони махсус ба рӯйкарди Убайд Раҷаб бар нигоштани ёддошт ва идома ёфтани анъанаи ёддоштнигорони классикӣ дар эҷодиёти адиби мазкур ихтисос дода мешуд. Дар чунин ҳолат робитаи мантиқии боби 1-ум бо унвони кор зичтар мегардид.

2. Дар кор оид ба мероси адабӣ, хусусан мероси насрии Убайд Раҷаб, фасли алоҳида вуҷуд надорад. Фикр мекунам, муаллиф фасли алоҳидаеро масалан зери унвони “Насри Убайд Раҷаб ва мавқеи ёддоштнигорӣ дар он” ҷудо мекард ва ҳамин фаслро ба ҳайси фасли охири боби 1-ум истифода мекард, хеле хуб мешуд. Аввалан, камбуди мавзуии кор дар иртибот бо ёдкарди мероси адабии Убайд Раҷаб пурра мешуд; баъдан, робитаи мантиқӣ миёни боби нахустин ва баъдии кор эҷод мешуд ва фасли мазкур чун занҷир ҳалқаҳои мавзуи умумии корро бо ҳам пайванд медод.

3. Дар автореферати кор баъзан хатоҳои услубӣ имлоӣ ва китобативу техникӣ мушоҳида мешаванд, ки ислоҳи онҳо муҷиби пухтагиву камоли кор хоҳад гашт. Чунончи, ба ҷойи “варзидаанд” – “варзидаенд” чоп шудан (саҳ. 13), дар калимаҳои арабии амсоли “Нуъмон”, “тул” ва “Шуравӣ” бар хилофи нишондоди имлои забони тоҷикӣ истифода кардани “ӯ” (саҳ. 12, 19, 3), дар пайвандаки “агарчи” ба кор бурдани “-й” (саҳ. 13), ба ҷойи “мутолиа” – “мутолеа” навиштани калимаи арабӣ (саҳ. 15), ва амсоли инҳо аз шумори ҳамин гуна ғалатҳо маҳсуб меёбанд, ки ислоҳи онҳо муҷиботи зебоии онро ба бор меоварад.

Аммо, зикри ин нукта зарур аст, ки эродҳои боло на ба дараҷае таъсиргузор мебошанд, ки битавонанд бар кор халали ҷиддӣ ворид

созанд, зеро вуҷуди онҳо дар қиёс бо муваффақиятҳои кор камҷилваанд. Муаллиф метавонад ғалатҳои мазкурро дар корҳои минбаъдаи худ, аз ҷумла зимни омода сохтани монографияи илмӣ дар назар бигарад.

Хулосаҳои мухтасари кори диссертатсионӣ, ки ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ дар охири автореферати диссертатсия оварда шудаанд, тибқи талаботи ҷории Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, моҳияти илмии диссертатсияи мазкурро ба таври фишурда инъикос менамоянд. Диссертатсияи Давлатов Умаралӣ Мирзоалиевич "Убайд Раҷаб ва анъанаи ёддоштнависӣ дар адабиёти муосири тоҷик" ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10. 01. 01. – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ сазовор мебошад.

**доктори илмҳои филологӣ,**
**дотсенти кафедраи фанҳои гуманитарии**
**Донишгоҳи технологии Тоҷикистон**

**Одинаев Нурмахмад Сафарович**

**Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**шаҳри Душанбе, кӯчаи Н. Карабоев, 63/3.**
**E - mail: odinaievn@mail.ru**
**Сомонаи муассиса: www.tut.tj**
**Тел: (+992) 93-445-33-44; (+992) 2-50-15-35.**
**Факс: (+992-37) 2-34-49-88.**

**Имзои дотсенти кафедраи фанҳои гуманитарӣ**
**Одинаев Н.С.-ро тасдиқ мекунам:**

**Сардори шуъбаи кадрҳои**
**Донишгоҳи технологии Тоҷикистон**

**Бухориев Н.А.**